«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
**Ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.и., дотсент**
**____________ Сафарзода Д.Ҷ.**
**«17» 06 2026 сол**

## ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Абдусамадзода Сорбон Мақсад дар мавзуи «Ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Абдусамадзода Сорбон Мақсад дар мавзуи «Ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба шиносномаи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба таҳлили масъалаҳои асосии марбут ба танзими ҳуқуқии фаъолияти ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст, ки дар доираи ҳуқуқи маданӣ ва ҳуқуқи соҳибкорӣ ба ҳисоб меравад. Муаллиф ҳолати ҳуқуқии ин субъектҳоро аз нуқтаи назари ҳуқуқи хусусӣ, аз ҷумла ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳо, масъалаҳои ташкил ва фаъолият, шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ ҳамчун воситаи асосии баамалбарории фаъолият, инчунин масъулияти мадании онҳо мавриди омӯзиш қарор додааст. Ин ҷанбаҳо ба таври бевосита ба ихтисоси номбурда мансуб мебошанд.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Абдусамадзода Сорбон Мақсад, ки ба ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст, дар шароити муосири рушди иқтисоди миллӣ ва ҷаҳонишавии бозори хизматрасонии сайёҳӣ аҳамияти махсуси илмӣ-назариявӣ ва амалӣ дорад.

Дар замони муосир, сайёҳӣ ҳамчун яке аз соҳаҳои даромадноки иқтисоди ҷаҳонӣ эътироф шудааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо дорои

захираҳои ғании табиӣ, таърихиву фарҳангӣ ва иқтидори баланди сайёҳӣ, ба рушди устувори ин соҳа таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд. Далели равшани ин таваҷҷуҳ эълони солҳои 2019-2021 «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» ва қабули Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, инчунин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» дар соли 2020 мебошад.

Бо вуҷуди ин, дар амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ мушкилоти ҷиддии марбут ба ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ вуҷуд дорад. Мушкилоти зерин мубрамияти мавзуъро тақвият мебахшанд:

- номуайян будани мафҳум ва ҳудуди ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар қонунгузории амалкунанда;

- нокифоя будани танзими ҳуқуқ ва ухдадориҳои ин субъектҳо, аз ҷумла тақсимоти вазифаҳо байни туроператорон ва турагентҳо;

- мавҷудияти холигиҳо дар танзими шартномаи хизматрасонии музднокн сайёҳӣ ҳамчун намуди мураккаби шартномаи омехта;

- нокифоя будани механизмҳои масъулияти маданӣ ва суғуртаи масъулияти туроператорон;

- зарурати мутобиқсозии қонунгузории миллӣ ба стандартҳо ва таҷрибаи пешрафтаи кишварҳои хориҷӣ (Русия, Туркия, Фаронса, Чин, Ҷопон).

Ғайр аз ин, дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ то имрӯз таҳқиқоти ҳамаҷонибаи илмӣ оид ба ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ вуҷуд надорад. Ин ҳолат дар амал боиси ба вуҷуд омадани баҳсҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла вобаста ба масъулияти ташкилотҳои сайёҳӣ барои сифат ва бехатарии хизматрасониҳо, ҷуброни зарари расонидашуда ва ҳифзи ҳуқуқи сайёҳон ҳамчун истеъмолкунандагон мегардад.

Аз ин рӯ, таҳқиқи комплексии масъалаҳои ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ на танҳо дорои аҳамияти назариявӣ буда, ба рушди илми ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ мусоидат менамояд, балки барои ҳалли мушкилоти амалии ҳуқуқтатбиқнамоӣ, такмили қонунгузорӣ ва рушди устувори соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аҳамияти муҳим дорад.

Ҳамин тариқ, мавзуи диссертатсия мубрам, саривақтӣ ва ҷавобгӯи талаботи рушди илми ҳуқуқшиносии миллӣ ва ниёзҳои амалии танзими муносибатҳои сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ мегардад.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашуда.** Дараҷаи асосноккунии натиҷаҳои илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсия ироагардида дар маҷмуъ метавонад мусбат арзёбӣ шавад. Муаллиф ҳангоми таҳқиқ аз заминаи мустаҳками назариявӣ, меъёрӣ ва эмпирикӣ истифода бурда, масъалаҳои марбут ба ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳиро дар шароити

рушди бозори хизматрасонии сайёҳӣ ба таври системавӣ ва пайдарпай таҳлил намудааст.

Пеш аз ҳама, асоснокии натиҷаҳо бо такя ба таҳлили муфассали қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» (2020), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон», инчунин дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти ташкилотҳои сайёҳӣ, бақайдгирии шахсони ҳуқуқӣ, андозбандӣ ва суғурта таъмин гардидааст. Муаллиф меъёрҳои ҳуқуқиро на танҳо тавсиф, балки онҳоро аз нуқтаи назари нокифоягии танзим, мавҷудияти холигиҳо ва зарурати такмили онҳо мавриди таҳлили амиқ қарор додааст.

Ҳамзамон, дараҷаи асосноккунии хулосаҳо бо истифодаи васеи сарчашмаҳои илмии ватанӣ ва хориҷӣ таъмин шудааст. Муаллиф дар баррасии мафҳум ва моҳияти ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ, муайян намудани мақоми онҳо ҳамчун субъекти мустақили ҳуқуқи мадании ва соҳибкорӣ, инчунин дар таҳлили ҳуқуқ, ухдадориҳо ва хусусиятҳои ҷавобгарии ҳуқуқии онҳо далелҳои мантиқӣ ва меъёриро пешниҳод намудааст. Хулосаҳо оид ба зарурати мушаххас намудани ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар қонунгузорӣ, фарқияти байни туроператор ва турагент, ҷорӣ намудани суғуртаи ҳатмии масъулияти туроператорон аз таҳлили вазъи амалкунанда ва камбудиҳои мавҷуда маншаъ гирифта, ба онҳо хусусияти асоснок ва амалӣ мебахшанд.

Пешниҳодҳои муаллиф, аз ҷумла вобаста ба такмили танзими ҳуқуқии шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ, табдил додани Феҳристи давлатии субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ ба феҳристи ягонаи электронӣ, ҷорӣ намудани низоми «визаи электронӣ» барои сайёҳони хориҷӣ, таъсиси минтақаҳои махсуси сайёҳӣ бо имтиёзҳои андозӣ, дар заминаи таҳлили назариявӣ, таҳлили муқоисавии қонунгузории давлатҳои хориҷӣ ва амалияи мавҷуда таҳия гардидаанд, ки ин ба онҳо аҳамияти амалӣ медиҳад.

Дар маҷмуъ, натиҷаҳои илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсия баёншуда дорои дараҷаи кофии асосноккунӣ буда, метавонанд барои рушди минбаъдаи назария ва амалияи ҳуқуқи мадании ва соҳибкорӣ дар самти танзими фаъолияти ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намоянд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳияти натиҷаҳои гирифташуда.** Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки диссертатсия яке аз аввалин пажӯҳишҳои мукаммали комплексӣ дар илми ҳуқуқшиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки масъалаҳои ҳолати ҳуқуқии

ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ ва танзими ҳуқуқии фаъолияти онҳоро дар шароити рушди бозори хизматрасонии сайёҳӣ ба таври низомнок ва фарогир мавриди таҳлил қарор медиҳад.

Муаллиф бори аввал дар илми ватанӣ масъалаҳои зеринро ба таври илмӣ асоснок намудааст: - муайян намудани мафҳум ва аломатҳои ҳуқуқии ташкилоти тиҷоратии сайёҳӣ ҳамчун субъекти мустақили ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ; - асоснок кардани хусусияти дугонаи тиҷоратӣ-иҷтимоии фаъолияти ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ; - ҷудо намудани ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои ин субъектҳо ба се гурӯҳи асосӣ: умумӣ (стандартҳои соҳибкорӣ), махсуси соҳавӣ (таъмини сифат ва бехатарӣ) ва марбут ба ҳифзи ҳуқуқи сайёҳон; - таҳлили шартномаи хизматрасонии муздноки сайёҳӣ ҳамчун намуди хоси шартномаи омехта бо хусусиятҳои мураккаби ҳуқуқӣ; - муайян намудани фарқияти байни туроператор (танзимгари сайёҳӣ) ва турагент (агенти сайёҳӣ) дар асоси вазифаҳо, масъулиятҳо ва ҳолати ҳуқуқӣ.

Навоварии таҳқиқ инчунин дар пешниҳоди муносибати нав ба мақоми ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ ҳамчун унсури калидии инфрасохтори сайёҳӣ зоҳир мегардад. Дар диссертатсия исбот шудааст, ки ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ на танҳо ҳамчун пешниҳодкунандаи хизматрасонии пулакӣ, балки ҳамчун субъекти фаъол дар ташаккул, таблиғ ва амалисозии маҳсулоти сайёҳӣ баромад намуда, дар таъмини тавозуни манфиатҳои сайёҳон, давлат ва соҳибкорон нақши муҳим доранд.

Саҳеҳии натиҷаҳои бадастомада бо якчанд омил таъмин гардидааст:

1. Заминаи меъёрӣ: таҳлили ҳамаҷонибаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон», инчунин санадҳои соҳавӣ дар соҳаи бақайдгирии шахсони ҳуқуқӣ, андозбандӣ, суғурта ва сертификатсия.

2. Заминаи назариявӣ: истифодаи интиқодии осори олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ ва ҳуқуқи сайёҳӣ.

3. Усулҳои таҳқиқот: истифодаи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси таҳқиқотӣ, аз ҷумла усулҳои таҳлил ва синтез, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, системавӣ-функсионалӣ, таърихӣ ва формалӣ-ҳуқуқӣ.

4. Таҳлили муқоисавӣ: таҳлили муқоисавии васеи қонунгузории сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонунгузории Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Узбекистон, Ҷумҳурии Туркия, Фаронса, Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Ҷопон.

5. Амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ: такя ба маълумоти амалии фаъолияти ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ, инчунин таҳлили амалияи судӣ ва фаъолияти Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар маҷмуъ, навоварии илмии таҳқиқот дар ташаккули муносибати муосир ва мукаммал ба ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ ифода ёфта, саҳеҳии натиҷаҳо бо заминаи қавии назариявӣ, меъёрӣ ва эмпирикӣ таъмин гардидааст, ки ин ба баланд гардидани арзиши илмӣ ва амалии диссертатсия мусоидат менамояд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои диссертатсияи Абдусамадзода Сорбон Максад дорои аҳамияти илмии таҳқиқот бо он ифода мегардад, ки натиҷаҳои рисола ба рушди назарияи ҳуқуқи маданӣ ва ҳуқуқи соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми назаррас мегузоранд. Муаллиф бо таҳлили комплексии ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ, муайян намудани мафҳум, аломатҳо, намудҳо ва хусусиятҳои ҳуқуқии онҳо, инчунин асоснок кардани ҷойгоҳи онҳо дар низоми субъектҳои ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ, заминаи нави назариявиро барои омӯзиши минбаъдаи муносибатҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи сайёҳӣ фароҳам овардааст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он асоснок карда мешавад, ки пешниҳодҳои муаллиф хусусияти амалӣ дошта, ба такмили қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» равона гардидаанд.

Татбиқи пешниҳодҳо метавонад ба: мушаххас гардидани мақоми ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ; такмили низоми ҳуқуқу уҳдадориҳои онҳо; муайян намудани асосҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар ҳолати вайронкунии қонунгузорӣ; ҷорӣ намудани суғуртаи ҳатмии масъулияти туроператорон; табдил додани Феҳристи давлатӣ ба феҳристи ягонаи электронӣ; ҷорӣ намудани низоми «визаи электронӣ»; таъсиси минтақаҳои махсуси сайёҳӣ бо имтиёзҳои андозӣ; инчунин ба беҳтар гардидани танзими муносибатҳои байни сайёҳон ва ташкилотҳои сайёҳӣ мусоидат намояд.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар фаъолияти Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти андоз, мақомоти судӣ, инчунин дар фаъолити худи ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Аҳамияти иқтисодии диссертатсия дар он зикр мегардад, ки ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ яке аз унсурҳои асосии инфрасохтори иқтисоди сайёҳӣ ба ҳисоб рафта, фаъолияти самараноки онҳо ба рушди бозори хизматрасонии сайёҳӣ, афзоиши шумораи сайёҳони хориҷӣ ва

дохилӣ, баланд шудани ҳаҷми даромад аз сайёҳӣ ва рақобатпазирии иқтисоди миллӣ таъсири мустақим дорад. Такмили танзими ҳуқуқии ин соҳа метавонад ба ҷалби сармоягузории дохилӣ ва хориҷӣ, баланд бардоштани самаранокии хизматрасониҳои сайёҳӣ, коҳиш додани хавфҳои ҳуқуқӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ ва рушди устувори ин соҳа мусоидат намояд.

Аҳамияти иҷтимоии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки фаъолияти самараноки ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ ба беҳтар гардидани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои сифатноки сайёҳӣ, рушди инфрасохтори сайёҳӣ дар минтақаҳо, баланд гардидани сатҳи шуғли аҳолӣ ва беҳбуди вазъи иҷтимоии мардум мусоидат менамояд.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳамияти баланди илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ буда, метавонанд дар рушди минбаъдаи қонунгузорӣ, такмили амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ ва ташаккули сиёсати давлатӣ дар соҳаи танзими фаъолияти ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳим ва муассир бозанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ**. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионии Абдусамадзода Сорбон Мақсад бо истифодаи методологияи мукаммал ва манбаъҳои боэътимоди ҳуқуқӣ ва илмӣ таъмин гардидааст. Муаллиф дар раванди таҳқиқ аз усулҳои таҳлилӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ, синтез ва индуксия ва моделсозӣ истифода намуда, масъалаҳои ҳуқуқии танзими фаъолияти ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ ба таври пайдарҳам ва ҳамаҷониба баррасӣ кардааст.

Асоси эмпирикии таҳқиқро қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла муқаррароти Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои махсус, санадҳои зерқонунӣ, инчунин қонунгузории хориҷӣ, ва таҳлили мавқеъҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ (зиёда аз 150 сарчашма) ташкил медиҳанд. Истифодаи чунин манбаъҳои гуногунҷанба ба хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмии муаллиф устуворӣ ва асоснокии назариявӣ мебахшад. Дурустии натиҷаҳои таҳқиқ дар пайдарҳамии мантиқии баррасии масъалаҳо, мутобиқати хулосаҳо ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ ва асоснок гардидани ҳар як пешниҳоди илмӣ зоҳир мегардад. Муаллиф дар таҳияи хулосаҳо аз таҳлили муқоисавии қонунгузории хориҷӣ низ истифода бурда, пешниҳодҳои худро дар заминаи таҷрибаи байналмилалӣ ва мутобиқ ба шароити ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок намудааст. Асоснокии натиҷаҳо бо таҳлили мушаххаси холигиҳо ва норасоиҳои қонунгузории амалкунанда, инчунин бо пешниҳоди роҳҳои воқеӣ ва амалишавандаи такмили меъёрҳои ҳуқуқӣ таъмин шудааст. Пешниҳодҳои муаллиф дорои

хусусияти амалӣ буда, аз ҷиҳати техникӣ-ҳуқуқӣ мутобиқ ба сохтори Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидаанд.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои таҳқиқ дорои дараҷаи баланди эътимоднокӣ, дурустӣ ва асоснокии илмӣ буда, ба талаботи корҳои диссертатсионии сатҳи номзадӣ пурра ҷавобгӯ мебошанд ва метавонанд дар фаъолияти илмӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқтатбиқкунӣ истифода шаванд.

**Саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқ.** Саҳми шахсии довталаб дар он зоҳир мегардад, ки таҳқиқот мустақилона анҷом дода шуда, масъалагузорӣ, интихоби усулҳои илмӣ, ҷамъоварӣ ва таҳлили маводи назариявӣ ва меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин хулосабарорӣ аз ҷониби муаллиф амалӣ гардидааст.

Довталаб бори аввал дар доираи илми ҳуқуқшиносии миллӣ масъалаи ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳиро дар шароити рушди бозори хизматрасонии сайёҳӣ ба таври комплексӣ таҳлил намуда, мақоми ҳуқуқии онҳоро ҳамчун субъекти мустақили ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ асоснок кардааст.

Ҳамчунин, дар таҳқиқ мафҳум, аломатҳо, намудҳо, ҳуқуқу уҳдадориҳо ва хусусиятҳои ҷавобгарии ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ бо такя ба таҳлили мустақили муаллиф муайян ва асоснок гардидаанд. Пешниҳодҳои мушаххас оид ба такмили қонунгузорӣ, аз ҷумла вобаста ба муқаррароти Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ», ҷорӣ намудани суғуртаи ҳатмии масъулияти туроператорон, табдил додани Феҳристи давлатӣ ба феҳристи ягонаи электронӣ, маҳсули таҳлили мустақилонаи довталаб мебошанд.

Муаллиф дар раванди таҳқиқ усулҳои умумиилмӣ ва махсуси таҳқиқотӣ, аз ҷумла таҳлили низомнок, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва формалӣ-ҳуқуқиро мустақилона татбиқ намуда, дар асоси онҳо мавқеи илмии худро ташаккул додааст. Натиҷаҳои бадастомада дар шакли хулосаҳо ва тавсияҳои илмӣ пешниҳод гардида, дар муҳити илмӣ ва таълимӣ низ мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Ҳамин тариқ, саҳми шахсии довталаб дар мустақилияти пурраи таҳқиқ, таҳияи консепсияи илмии муаллиф, коркарди пешниҳодҳои такмили қонунгузорӣ ва хулосабарории илмӣ ифода ёфта, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсияро муайян менамояд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионии Абдусамадзода Сорбон Мақсад дар нашрияҳои илмии тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври кофӣ инъикос гардидаанд. Тибқи маълумоти феҳристи интишорот (саҳ. 218-219), аз рӯйи мавзуи диссертатсия 8 мақолаи илмӣ ба нашр расонида шудааст, ки

аз онҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсияшудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор ёфтаанд.

### I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

[1–М]. Абдусамадзода С. Ҷанбаҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар кишварҳои хориҷӣ [Матн] / С. Абдусамадзода // Қонунгузорӣ. – 2025. – №1 (57). – С. 189-194. – ISSN 2410-2903.

[2–М]. Абдусамадзода, С. Ҷанбаҳои ҳуқуқии танзими фаъолияти ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар Тоҷикистон [Матн] / С. Абдусамадзода // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2025. – №2 (54). –137-141. – ISSN 2305–0535.

[3–М]. Абдусамадзода С. Ҳуқуқ ва уҳдадории ташкилоти тиҷоратии сайёҳӣ [Матн] / С. Абдусамадзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2025. – №2 (38). –244-250. – ISSN 2414 9217.

[4–М]. Абдусамадзода С., Латипова С. Танзими ҳифзи маълумотҳои шахсӣ ҳангоми истифодаи зеҳни сунъӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ [Матн] / С. Абдусамадзода, С. Латипова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ. – 2025. – №3 (19). –99-102. – ISSN 2710-4672.

[5–М]. Сангинзода Д.Ш., Абдусамадзода С. Такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сайёҳӣ [Матн] / Д.Ш. Сангинзода, С. Абдусамадзода // Қонунгузорӣ. – 2026. – №1 (61). – С. 46-52. – ISSN 2410-2903.

### II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳои конференсияҳои байналмилалӣ ва дигар нашриҳои илмӣ–амалӣ чоп шудаанд:

[6–М]. Абдусамадзода С. Ширкатҳои сайёҳӣ ҳамчун субъекти муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ ва соҳибкорӣ [Матн] / Абдусамадзода С.// Мушкилоти муосири муқовимат ба ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назарияиӣ ва амалӣ: маводи конференсияи илми–амалии ҷумҳуриявӣ (13-уми марти соли 2026) // Зери таҳрири доктори илмҳи ҳуқуқшиносӣ, профессор Мирзозода П.З. – Душанбе: Полиграфияи «Ватан Принт», 2026. – С. 211-220.

[7–М]. Абдусамадзода С. Ҷонибҳои шартномаи хизматрасонии пулакии сайёҳӣ [Матн] / Абдусамадзода С.// Маводи конференсияи илмӣ–назариявии профессорону омӯзгорони кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида ба «35-

солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Душанбе, 2026. – С. 170 – 177.

[8–М]. Латипова, С., Абдусамадзода, С. Танзими ҳифзи маълумоти шахсӣ ҳангоми истифодаи зеҳни сунъӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ [Матн] / С., Латипова, Абдусамадзода С.// Маводди VIII-умин конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалии «Ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавӣ» бахшида ба Рӯзи ҳуқуқи инсон // Зери назари умумии н.и.ҳ., дотсент Насуриён .А., д.и.ҳ., дотсент Раҳмадҷонзода Р.Р. – Душанбе: Нашриёти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2026. – С.368-371.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои таҳқиқ ба таври зарурӣ апробатсия гардида, интишори онҳо дар нашрияҳои илмии тақризшаванда сатҳи баланди омодагӣ ва эътимоднокии кори диссертатсиониро тасдиқ менамояд. Теъдод ва сатҳи маводи чопшуда ба бандҳои 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, пурра мутобиқ мебошад.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он.** Диссертатсияи Абдусамадзода Сорбон Мақсад дар мавзуи «Ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз ҷиҳати мазмун, фарогирии масъалаҳо ва сатҳи таҳлили илмӣ дар дараҷаи зарурии кори илмии тахассусӣ таҳия гардидааст. Мазмуни диссертатсия бо мақсад ва вазифаҳои эълонгардидаи таҳқиқ мутобиқат дошта, масъалаҳои назариявӣ ва амалии вобаста ба заминаҳои ҳуқуқӣ, мафҳум, аломатҳо, хусусиятҳо ва дар ин рӯзгор, пешрафти пурсамар ва бошитоби бахши сайёҳӣ, ҷаҳонӣ шудани иқтисодиёт, инчунин тезу тунд гардидани рақобат дар бозори хидматҳои сайёҳӣ, зарурати онро ба миён меорад, ки қонунгузории миллии мо дар ин соҳа ба таври ҷиддӣ ва амиқ мукаммал карда шавад. Муаллиф бо такя ба таҳлили қонунгузории амалкунанда, мавкеъҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ ва санадҳои барномавии давлатӣ хулосаҳои илмии асоснок пешниҳод кардааст.

Хулосаҳои пешниҳодшуда дорои хусусияти мантиқӣ ва пайдарҳам буда, аз таҳлили низомнок ва системавии масъалаҳо бармеоянд. Дараҷаи ба итмом расидани таҳқиқ баланд арзёбӣ мешавад. Муаллиф масъалаҳои гузошташударо пурра фаро гирифта, натиҷаҳои таҳқиқро дар хулосаҳо ҷамъбаст намуда, пешниҳодҳои мушаххас оид ба такмили қонунгузорӣ ироа намудааст.

Ҳамин тариқ, мазмуни диссертатсия ба талаботи корҳои диссертатсионии сатҳи номзадӣ мутобиқ буда, дараҷаи ба итмом расидани он пурра ва қонеъкунанда арзёбӣ мегардад.

**Сохтори рисолаи илмӣ.** Диссертатсия аз ҷиҳати мазмун, сохтор ва ҳаҷм комилан анҷомёфта буда, ба талаботи корҳои илмии дараҷаи номзадӣ мутобиқ мебошад. Сохтори диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 8 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (279 номгӯй) ва замима иборат мебошад. Ин сохтор ба таври пурра ба мантиқ ва ҳадафҳои таҳқиқот мувофиқ буда, пайдарҳамии дохилии бобҳо ва зербобҳо имкон медиҳад, ки мавзуъ аз ҷанбаҳои гуногун баррасӣ гардад.

Ҳаҷми умумии диссертатсия 210 саҳифа-ро ташкил медиҳад, ки ба меъёрҳои муқарраршуда комилан ҷавобгӯ мебошад. Дар он масъалаҳои асосии таҳқиқшаванда ба таври мукаммал инъикос ёфтаанд.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуи таҳқиқ асоснок гардида, дараҷаи омӯзиши масъала дар адабиёти илмӣ арзёбӣ шудааст. Ҳамзамон, объект ва предмети таҳқиқот, ҳадаф ва вазифаҳо, асосҳои назариявию методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ, инчунин саҳми шахсии муаллиф ва дигар ҷанбаҳои умумии таҳқиқот ба таври возеҳ ва муфассал муайян гардидаанд.

Боби якум («Тавсифи умумии ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон») ба масъалаҳои ташкил ва фаъолияти ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ, муайян намудани мафҳум ва хусусиятҳои онҳо, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ин субъектҳо бахшида шудааст. Муаллиф мафҳуми ташкилоти тиҷоратии сайёҳиро дар заминаи назарияи ҳуқуқи маданӣ шарҳ дода, хусусиятҳои асосии онҳоро муайян менамояд.

Боби дуюм («Шартнома ҳамчун воситаи баамалбарории фаъолияти ташкилоти тиҷоратии сайёҳӣ») ба шартномаи хизматрасонии музднοки сайёҳӣ, ҷонибҳои он ва масъулияти мадании ширкатҳои сайёҳӣ бахшида шудааст. Муаллиф шартномаи мазкурро ҳамчун намуди хоси шартномаи омехта тавсиф намуда, хусусиятҳои фарқкунандаи онро муайян менамояд.

Боби сеюм («Такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сайёҳӣ») ба таҳлили муқоисавии қонунгузории сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонунгузории давлатҳои хориҷӣ ва муайян намудани роҳҳои такмили қонунгузории миллӣ бахшида шудааст. Муаллиф пешниҳодҳои мушаххаси амалиро оид ба такмили қонунгузорӣ пешниҳод намудааст.

Дар хулоса натиҷаҳои асосии таҳқиқот ҷамъбаст карда шуда, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод гардидаанд. Дар маҷмуъ, диссертатсия аз ҷиҳати сохтор, мазмун ва ҳаҷм комилан анҷомёфта буда, дорои пайдарҳамии мантиқӣ, таҳлили фарогир ва сатҳи баланди коркарди илмӣ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии**

**Тоҷикистон.** Барасмиятдарорӣ ва сохтори диссертатсия дар маҷмуъ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсия мутобиқи меъёрҳои муқарраргардида таҳия гардида, аз муқаддима, се боби мантиқӣ пайдарпай, ҳашт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (279 номгӯй) ва замима иборат мебошад. Сохтори кор ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ мутобиқат дошта, пайдарпайии мантиқии баррасии масъалаҳоро таъмин менамояд.

Диссертатсия бо риояи талаботи асосии Комиссияи олии аттестатсионӣ, аз ҷумла талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ таҳия ва барасмият дароварда шудааст.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Мавзӯъ, муҳтаво ва самти таҳқиқоти диссертатсионии довталаб ба шиносномаи ихтисоси илмии 5.5.3. «Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ» пурра мутобиқат менамояд.

Дар диссертатсия масъалаҳои марбут ба ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ, ки ҳамчун субъектҳои ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ баромад мекунанд, таҳлили ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳо, танзими шартномаи хизматрасонии музднокӣ сайёҳӣ, инчунин хусусиятҳои ҷавобгарии мадании онҳо мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд, ки мустақиман ба доираи ҳуқуқи маданӣ ва ҷанбаҳои марбут ба танзими муносибатҳои соҳибкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ мансуб мебошанд.

Дар маҷмуъ, самти таҳқиқот ва натиҷаҳои илмии бадастомада сатҳи баланди мутобиқати тахассуси илмии довталабро ба дараҷаи илмии дархостшаванда нишон медиҳанд.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.**

Новобаста аз дастовардҳои назаррас ва аҳамияти баланди илмӣ-амалии диссертатсия, он дорои як қатор камбудиҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб мебошад, ки асосан хусусияти ҷузъӣ доранд:

1. Муаллиф дар диссертатсия усулҳои муосири илмӣ - таҳлили низомнок, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва формалӣ-ҳуқуқиро татбиқ намудааст. Хуб мебуд, ки оид ба масъалаи муайян намудани асосҳои ҷавобгарии ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар амалияи судҳои иқтисодӣ ҷамъбасти судҳо ва омори онҳо нишон дода мешуд. Ин метавонист аҳамияти амалии таҳқиқотро боз ҳам баланд барад.

2. Муаллиф дар диссертатсия оид ба ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ татбиқи қонунгузории мамлакатҳои ҳамсоя - Ӯзбекистон ва Қазоқистонро дар қонунгузориашон ва масъалаҳои ҳуқуқвайронкунӣ ва

ҷавобгарии онҳоро муқоиса менамуд, боз ҳам беҳтар мешуд. Гарчанде ки таҳлили муқоисавӣ дар диссертатсия мавҷуд аст, аммо баъзе ҷанбаҳои ҳуқуқии мушаххаси ин кишварҳо метавонистанд муфассалтар таҳлил карда шаванд.

3. Муаллиф дар диссертатсия ба масъалаҳои иқтисоди рақамӣ диққати ҷиддӣ медиҳад. Оид ба ин масъала хуб мешуд васеътар маълумот пешниҳод карда шавад, зеро дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва бо имзои фармон дар моҳи январи соли 2025, солҳои 2025-2030 ҳамчун «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон шудааст. Ин ташаббус ба ҳадафи суръат бахшидан ба рақамикунонии соҳаҳои гуногуни ҳуқуқию иқтисодӣ ва таҳкими мавқеи Тоҷикистон дар муҳити технологии ҷаҳонӣ равона шудааст. Ба андешаи мо ин ҳолатро хуб мешуд, ки дар қисми такмили қонунгузорӣ амиқтар мавриди таҳлил қарор медоданд, хусусан дар самти ҷорӣ намудани феҳристи ягонаи электронии субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ ва низоми «визаи электронӣ».

Бо вуҷуди ин эродҳои зикршуда хусусияти ҷузъӣ доранд ва ба сатҳи умумии илмӣ ва арзиши амалии кори анҷомшуда таъсири ҷиддӣ намерасонанд. Баръакс, ба назар гирифтани онҳо дар таҳқиқоти минбаъдаи муаллиф метавонад барои мукаммалсозии бештар ва тавсеаи самтҳои нави тадқиқот хидмат намояд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Хулоса, диссертатсияи Абдусамадзода Сорбон Мақсад дар мавзӯи «Ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мувофиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ сазовор мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо) тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Диссертасия ва автореферат дар семинари васеи илмӣ назариявии кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва иқтисоди факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар семинар иштирок доштанд 9 нафар:

Тарафдор 9 нафар, муқобил – бетараф нест. Протоколи семинари васеи илмӣ-назариявӣ таҳти №10/1 аз 15-уми июни соли 2026.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби М.Т. Раупова д.и.ҳ., профессори кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва иқтисодии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода карда шуда, дар ҷаласаи кафедра муҳокима ва ҷонибдорӣ карда шудааст. Дар маҷлис иштирок доштанд 9 нафар: тарафдор 9 нафар, муқобил – бетараф нест. Протоколи кафедра таҳти №10/1 аз 15-уми июни соли 2026.

**Раиси семинари илмӣ-назариявӣ:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент мудири кафедраи ҳуқуқи
маданӣ ва иқтисодии Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Олимзода Д.А.

**Ташхисгар:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессори кафедраи ҳуқуқи
маданӣ ва иқтисодии Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раупова М.Т.

**Котиби ҷаласа:**
муаллими калони кафедраи
ҳуқуқи маданӣ ва иқтисодии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Нуров Ф.Б.

«Имзои Олимзода Д.А., Раупова М.Т.,
Нуров Б.Ф.-ро тасдиқ мекунам»:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва
корҳои махсус Насурдинзода А.Н.
«15» 06 соли 2026

**Суроға:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Саид Носир 33
Тел: (+992 37) 224-45-29, https://www.apa.tj, info@apa.tj.